«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.____________________
«_23_» ____12________соли 2025

# ПРОТОКОЛИ №5

ҷаласаи навбатии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

аз 20.12.2025 с. ш. Душанбе

**Раис: д.и.ҳ., профессор Мирализода И.Қ.**
**Котиб: Азизов С.С.**

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, д.и.ҳ., профессор Мирализода И.Қ., д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ., д.и.ҳ., профессор Раҳмон Д.С., н.и.ҳ., дотсент Саъдизода Ҷ., н.и.ҳ., дотсент Бобоева Н.И., н.и.ҳ., дотсент Саидзода И.И., н.и.ҳ., дотсент Шоев Ф.М., н.и.ҳ., дотсент Искандаров Ш.Ф., н.и.ҳ. ассистент Вализода С.О., н.и.ҳ. ассистент Холиқов Н.А., н.и.ҳ. ассистент Исозода П.А., н.и.ҳ., ассистент Сафарализода Д.С., муаллимони калон Исматова М.Ҳ., Холиқова О.А., ассистентон Аҳадзода А.А., Азимов С.Ш., Бобозода У.Э., Муминзода М.Н., Иброҳимзода Ш.Ҳ., Сайфуддинзода Ф.С. ва лаборанти кафедра Азизов С.С.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.**

**Роҳбари илмӣ:** Саъдизода Ҷ.– номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Холиқзода Омина Абдулваҳоб баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва

рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна) яке аз мушкилотҳои ҷомеаи ҷаҳони ба ҳисоб меравад. Дар масири ҳастии инсоният бисёр халқу миллатҳо бо фаро расидани шароитҳои муайяни айнию зеҳнӣ ва замонию маконӣ талош бар он намудаанд, ки ҳуқуқ ва озодии инсонро мавриди эътирофнамоӣ ва ҳимояти худ қарор диҳанд, аммо дар ин роҳи ноҳамвор на ҳамеша муваффақ гардидаанд. Бо қаноатмандӣ метавон иброз намуд, ки миллати тоҷик дар дарозои таърих бо хирадгустарӣ ва дурандешагии худ тавониста, ки на танҳо ҳуқуқу озодии инсонро мавриди эътироф ва ҳифз қарор диҳад, балки роҳи минбаъдаи шинохти ҳуқуқи инсонро барои давлатҳои ғарбӣ ва манотиқи мухталифи олам боз намудааст. Дар ҳамин росто, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бисёр бамаврид иброз менамоянд, ки «ҳарчанд илми ҳуқуқшиносии мамолики Ғарб қонунҳои асосӣ ва қонунҳои ин кишварро ҳамчун манбаи нахустини пайдоиш ва эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон мешуморад, вале миллати мо низ дар ҳаллу фасли ин масъала дар ҳошияи таърихи башар набудааст. Дар ин бобат ёдовар шудан аз Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, ки зиёда аз дувуним ҳазор сол қабл аз ин қабул гардида буд, кофист». Дар ҷойи дигар ишора менамоянд, ки «шояд дар таърихи аҳди қадим ин эъломия нахустин иқдомест сӯйи ҷомеаи дунявию адолатпарвар, ки дертар тавассути рӯшанфикрони Юнону Рим ба Аврупо роҳ ёфта, заминаи ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва башардӯстонаро падид овард». Аз ин ишораҳои илман асосноки Пешвои муаззами миллат, ки дар заминаи таҳлили ҳаматарафаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дидгоҳҳои муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ баён шудааст, хулоса баровардан мумкин аст, ки тоҷикон дар саргаҳи халқу миллатҳои ҳуқуқофар ва адолатпарвар қарор мегиранд, вале мутаассифона дар раванди ҷаҳонишавӣ ва шиддатёбии манфиатхоҳӣ дар байни субъектони ҳуқуқи байналмилалӣ, бузургӣ ва инсонпарварии ин халқи реша дар умқи таърих аз мадди назари ҷомеаи башарӣ то як андозаи муайян канор рафтааст. Аз ин дидгоҳ, имрӯз замоне фаро расидааст, ки дар баробари илмҳои мухталифи ҷомеашиносӣ, илми ҳуқуқшиносӣ низ барои шоиста муаррифӣ кардани халқи тоҷик ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, махсусан дар самти ҳуқуқофаринӣ,

ҳуқуқтатбиқнамоӣ, инсонпарастӣ, қонунэҷоднамоӣ ва адолатпарварӣ саҳми боризи худро гузорад.

Яқинан маълум аст, ки ҳуқуқи инсон якранг набуда, он дар доираи ҳар як марҳилаи таърихӣ мазмун ва моҳияти худро иваз менамояд. Агар ба ҳуқуқи инсон дар аҳди қадим ва давраи нав нигоҳ намоем, пас маълум мегардад, ки тафовути мазмунӣ ва моҳиятӣ байни онҳо хеле зиёд аст. Яъне, имрӯз инсоният то ҳадде ба ҳуқуқ ва озодии худ мутлақият додааст, ки таҳаммул кардани он бисёр мушкил мебошад. Зеро, наслҳои нави ҳуқуқи инсон дар бештари маврид бар зидди инсоният ва ҳастии ӯ дар сайёраи Замин хизмат менамоянд. Бо ин назардошт, аз дидгоҳи таърихӣ коркард намудани ҳуқуқи инсон ва бархӯрдорӣ аз ҷанбаҳои мусбати он, имконият фароҳам меорад то низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории миллӣ аз таъсири омилҳои беруна ҳифз карда шуда, ворисияти солими ҳуқуқӣ ба наслҳои баъдӣ меросгузорӣ карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки ҳар як марҳилаи ташаккули ҳуқуқи инсон дар сарзамини таърихии тоҷикон дорои унсурҳои ба худ хос мебошад. Аз ин рӯ, муайян кардани вижагиҳои ҳар як давраи рушди ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик имконият фароҳам меорад то паҳлуҳои норавшани ҳуқуқи инсон аз дидгоҳи таърихӣ коркард карда шуда, моҳияти илми ҳуқуқшиносии ватаниро саҳеҳнок намояд. Зеро, новобаста аз пажӯҳиш намудани паҳлуҳои мухталифи ҳуқуқ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, ҳамоно даҳҳо масъалаҳои таҳқиқношуда, махсусан дар самти ҳуқуқи инсон ҷой доранд, ки бояд илми ҳуқуқшиносии ватанӣ инро аз мадди назар дур насозад.

Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия овардашуда барои таълими фанҳои тахассусӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои «Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон», «Ҳуқуқи инсон», «Таърихи ҳуқуқи инсон», «Ҳуқуқшиносии муқоисавӣ» аҳаммияти калон доранд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Раҳмон Д.С. н.и.ҳ., дотсент Бобоева Н.И, н.и.ҳ., дотсент., Искандаров Ш.Ф. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Холиқзода Омина Абдулваҳоб ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саъдизода Ҷ. баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ – омӯзгории Холиқзода Омина Абдулваҳоб суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа д.и.ҳ., профессор Мирализода И.Қ. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла н.и.ҳ., дотсент Исозода П.А. н.и.ҳ., дотсент Шоев Ф.М. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Холиқзода Омина Абдулваҳоб муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 18 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Холиқзода Омина Абдулваҳоб ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат бо назардошти

ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 20 декабри соли 2025 №5 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 21 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 21 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Мудири кафедраи**
**ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии**
**муқоисавӣ, д.и.ҳ., профессор** **Мирализода И.Қ.**

**Котиби маҷлис, лаборанти кафедра** **Азизов С.С.**

**Имзои Мирализода И.Қ. ва**
**Азизов С.С. - ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**

**«20» 12 2025 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj